## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна таҳти унвони “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои наомӯхтаву камомӯхта, ки ниёз ба таҳқиқ доранд, хеле зиёданд. Махсусан, бахши наҳв, ки дар он забон, омӯхтани хелҳои ҷумла, қонуну қоидаҳои ҷумла ва ибора муҳимтарин вазифаҳои наҳв ба шумор меравад. Фикр дар нутқ, одатан, дар ҷумлаҳо зоҳир мегардад. Ҷумлаҳо бошанд, дар натиҷаи алоқаи грамматикӣ пайдо кардани калимаҳо ташкил меёбанд. Ҷумла воҳиди томи аз ҷиҳати грамматика ташаккулёфтаи нутқ аст.

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда яке аз масъалаҳои муҳимми наҳв дар соҳаи забоншиносӣ мебошад. Наҳви ҳар як забон, қатъи назар аз мансубияти худ ба ин ё он бахши амалиёти инсон, аксаран таърихи пешин доранд ва дар ниҳод бисёр далелҳоеро нигоҳ медоранд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби боби грамматика, бахши наҳв, соҳаи забоншиносӣ зарур аст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб чун як қабати махсуси грамматика, на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Ҷиҳати назариву амалии он дорои ҳам ҷанбаи фарҳангиву маърифатӣ ва ҳам ҷанбаи иҷтимоист. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони тоҷикӣ басо муҳим ва саривақтӣ аст.

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо таълифи китобҳои дарсӣ баробар шуруъ гардида, то солҳои 60-уми асри XX, асосан, аз рӯйи меъёри анъанавӣ – ҷумлаҳои пайрав қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода, омӯхта мешуд. Масалан, дар нахустин китоби дарсии нисбатан мукаммали забони тоҷикӣ, ки аз тарафи М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода тартиб дода шуда буд.

Сохтори рисола аз манбаъҳои қавии илмӣ поягузорӣ гардида, аз муқадимма, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат ва дар заминаи маводи фаровон таълиф ёфтааст.

Дар муқаддима аз гузориши масъала, зарурати интихоб ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, аҳаммияти илмиву амалии рисола, равишҳои таҳқиқ, мақсад, вазифа ва сарчашмаи тадқиқот, навгониҳои илмӣ дар рисола, манбаъ ва асосҳои методологии таҳқиқот, сохтори кор сухан ба миён оварда шудааст.

**Боби якум** – **«Заминаҳои назариявӣ ва амалии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, он аз чор фасл иборат аст. Мундариҷаи фаслҳои боби мазкурро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзуми забони адабии ҳозираи забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Боби дуюм** – **«Вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои боб мавқеи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои тобеъ дар ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби сеюм** бо унвони « **Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфта, дар ин боб гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ва ҳаммонандии онҳо дар забони англисӣ аз нигоҳи мавзуи фарогирӣ, таҳлил мегардад.

Дар хулоса, натиҷаҳои илмии бадастомада дар 8 банд ҷамъбаст шудааст. Феҳристи адабиёт тибқи талабот ва анъанаҳои мавҷуда таҳия шуда, 165 адад адабиёти хусусияти илмӣ, назариявӣ ва манбаидоштаро дар бар мегирад.

Рисола аз нигоҳи назариявӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таҳқиқотҳои номзадӣ пешниҳод кардааст, ҷавоб дода метавонад. Асноде, ки муҳаққиқ барои тасдиқу тақвият фикр аз

дигар сарчашмаҳо овардааст, мазмуни рисоларо мукаммал ва пояи онро мустаҳкам сохтааст.

Доир ба мавзуи рисола 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидааст. Аз ҷумла:

**[1-М]** Раҳмонова Д.И. Муайянкунандаи изофӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи осори тарҷумаи устод С. Айнӣ) Д.И.Раҳмоной// ВЕСТНИК Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (Серия гуманитарных и экономических наук) Бохтар-2021. -№1/2(86).-с 38-42.ISSN 2663-5534;

**[2-М]** Рахмоновой Д.И. Место сложноподчененные предложений с придаточными определительными в таджикском и английском языке/ Д.И .Рахмоновой // ДОКЛАДЫ АКАДЕМИЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА(отдел общественных наук)– Душанбе,2022.-№ 2(014) –с. 207-213. ISSN 2076-2569;

**[3-М]** Рахмоновой Д.И. Анализ некоторых смысловых оттенков придаточных определительных предложений. /Д.И .Рахмоновой // ДОКЛАДЫ АКАДЕМИЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА (отдел общественных наук)– Душанбе,2022.-№ 2(014) –с. 207-213. ISSN 2076-2569;

**[4-М]** Раҳмонова Д.И. Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Н.Ш. Раҳмонова, Д.И. Раҳмонова // Ахбори Акдемияи милии илми Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои гуманитарӣ)– Душанбе, 2023. - № 4(273) – с. 255-266. ISSN 2076-2569.

Хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд.

Ба ин тариқ, тадқиқоти Раҳмонова Дилрабо Искандаровна таҳти унвони "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори С. Айнӣ)" асари мукаммалу анҷомёфта буда, дар сатҳи хеле хуби таҳқиқ иншо ёфтааст. Маводи назарии он дар омӯзиши минбаъдаи забони осори дигар адибони тоҷик ба муҳаққиқон метавонад кумак кунад. Ҳамаи ин аз камолоти маънавӣ ва маҳорати баланди пажуҳандагӣ доштани Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дарак медиҳад.

Бинобар ин, месазад, ки рисолаи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)"

барои муҳокима ва дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-068- и назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои
хориҷии Акакдемияи идоракунии давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои дотсент Н.Ш. Раҳмоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Шоҳрух Бозорович
Суроға: 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 992919090299;
E.mail: nargisbonu66@mail.ru

25.08.2023